# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 дар назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Парвандаи аттестатсионии № 14**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.04.2023, № 14.3**

Барои сазовор донистани Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя 2 феврали соли 2023 қабул карда шуда, протоколи № 14.1 шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр-ни 17, бинои 1), ки бо фармоиши раиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2022, №10/шд таъсис ёфтааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна, санаи таваллуд 27 январи соли 1985.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2009 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро хатм намудааст, дар вазифаи ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд (Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикматлубот) иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти иқтисодии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Хоҷаев Парвиз Давронович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи раиси маҷлис – мудири

кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҷабов Қ.Қ., ташхисгар, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Аҳмадов Р.Р., котиби маҷлис - номзади илмҳои иқтисодӣ Абдуева З.С. ба имзо расонида шуда, аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, қайд шуд, ки кори диссертатсионӣ таҳқиқоти мустақилона ва баанҷомрасонидашуда мебошад, ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад ва муаллифи он Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи кори диссертатсионӣ 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

1. Тухсанбоева Х.М. Шаклҳои шарикии давлат ва бизнес дар сатҳи минтақавӣ ва методикаи арзёбии амалҳои онҳо [Матн] / Тухсанбоева Х.М. // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2021. - №4 (89). – С. 82-93 (ISSN 2411-1945).
2. Тухсанбоева Х.М. Факторы, влияющие на развитие партнерских отношений на региональном уровне [Текст] / Тухсанбоева Х.М. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук – Душанбе, 2020. - №8.– С. 41- 45 (ISSN 2413-5151).
3. Тухсанбоева Х.М. Формирование и развитие институтов бизнес – структур в контексте развития государственно – частного партнерства [Текст] / Х.М. Тухсанбоева // Учёные записки. Серия естественные и экономические науки. – Худжанд, 2020. - №2 (53). – С. 82-89 (ISSN 2077-4974).
4. Тухсанбоева Х.М. К вопросу об исследовании взаимодействия институтов бизнес – структур и государства в региональной экономической системе [Текст] / Тухсанбоева Х.М. // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. – Худжанд, 2020. - №2 (83). – С. 90-99 (ISSN 2411-1945).
5. Тухсанбоева Х.М. Таҷдиди ҷанбаҳои институтсионалии танзими шарикии давлатию хусусӣ дар сатҳи минтақаҳо [Матн] / Ризоқулов Т.Р., Тухсанбоева Х.М. // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2022. - №4 (93).- С.49-60 (ISSN 2411-1945).

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

1. **Қодиров Абдураҳмон Лакимович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Директори Институти илмӣ-тадқиқотии рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» бо эродҳои зерин: 1) Дар автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба мушоҳида мерасанд.

**2. Имомназаров Музаффар Аҳмадҷонович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии ДТТ бо эродҳои зерин: 1) Дар автореферат маълумотҳои омории дар ҷадвал ҷамънамуда кам ба назар мерасанд; 2) Автореферат дорои хатогиҳои орфографӣ ва грамматикӣ мебошад.

**3. Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Дар кори диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккули шарикии давлативу хусусӣ ба таври зарурӣ кушода дода нашудааст; 2) Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлогӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

4. **Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара бо эродҳои зерин: 1) Мавзуи интихобкардаи рисола хеле васеъ аст ва аз ин рӯ, вазифаҳои гузошташуда дар оянда омӯзиши амиқтар ва муфассалтарро талаб мекунанд; 2) Муаллиф дар автореферат таҷрибаи давлатҳои хориҷиро баён намудааст. Агар истифодаи самтҳои онро баён менамуд, аз манфиат холӣ мемонд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок карда шудааст. Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба самти илми дахлдор дастовардҳои назаррас дорад ва қодир аст, мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шудааст:*** тавсияҳои илмӣ - амалӣ оид ба такмили шарикии давлатию хусусӣ дар минтақа, алалхусус, самтҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба таъмин намудани самаранокии истифодаи маблағҳои инвеститсионӣ дар нуқтаи мувофиқати манфиатҳои бахши давлатӣ ва хусусӣ, ки барои коҳиш додани ҳиссаи иқтисоди пинҳонӣ, афзоиши фаъолияти иқтисодии бахши хусусӣ, ободонии шаҳру ноҳияҳо, ҳалли муаммоҳои бекорӣ равона гардидааст;
- ***ақида пешниҳод шудааст:*** ташаккули шарикии давлатию хусусӣ дар низоми иқтисодию иҷтимоии минтақа, таҷдиди механизм ва таъмини босамари фаъолияти шаклҳои моликият дар асоси муттаҳидсозии амволи муассисаҳои бахши хусусӣ ва давлатӣ баҳри баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии минтақа мусоидат менамояд;
- ***исбот шудааст,*** ки шарикии давлатию хусусӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бештар дар пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ, яъне дар

низоми маориф, тандурустӣ, варзиш рушд ёфтааст. Гурӯҳбандӣ карда шудааст, ки дар самти соҳаи маориф дар паҳншавии ҳамкории ШДХ шаҳрҳои Панҷакент, Истаравшан, н. Ашт пешқадам мебошанд. Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом, ноҳияҳои Шаҳристон, Зафаробод, Деваштич, Спитамен мавқеи миёна дорад. Дар самти бунёди кӯдакистонҳо дар гурӯҳи пешқадам шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон, Исфара, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров; дар сатҳи миёна ноҳияи Зафаробод, шаҳри Бӯстон, дигар шаҳру ноҳияҳо бошанд, ақибмонӣ доранд, дар соҳаи варзиш ноҳияи Мастчоҳ пешқадам, шаҳрҳои Истаравшан, Хуҷанд, ноҳияи Деваштич дар ҳолати миёна, дигар шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи паст қарор доранд;

- **ворид намудани** тағйирот ба мафҳуми таҳқиқот мебошад, ки тибқи он "ШДХ механизми сиёсати иқтисодӣ буда, иҷрои вазифаҳои давлатро дар минтақаи алоҳида пурзӯр менамояд ва бо шарти судмандии мутақобила ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, иқтисодиро бо роҳи ҷалб намудани дороиҳои моддӣ, ғайримоддии аҳолӣ ва бизнес-сохторҳоро таъмин менамояд".

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- ***исбот намудани*** бисёрҷанбагии шаклҳои ШДХ, ки муносибатҳои умумии шарикиро то шартномаҳо (қарордод; лизинг; созишнома; қарордоди инвеститсионӣ; саҳомигардонӣ; иштироки саҳмӣ дар сармоя ва ғайра) ва корхонаҳои муштарак дарбар мегирад. Низоми нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии фаъолияти ШДХ гурӯҳбандӣ намуда, тибқи он нишондиҳандаҳое, ки самаранокии ШДХ-ро аз ҷониби манфиатҳои давлатӣ аз нуктаи назари шарикӣ барои арзёбӣ намудан имкон медиҳад, асоснок карда шудааст;

- ***истифода бурдани*** усулҳои оморӣ, субъектӣ-объектӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ, ҷамъбастӣ, методҳои математикӣ-иқтисодӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, детерминатсия баҳри ҳал намудани вазифаҳои гузошташуда дар диссертатсия;

- ***баён шудани*** амалишавии ҳадафи стратегии давлатӣ, яъне "саноатикунонии босуръат", ки зимни он ҳар як минтақа ба ШДХ ниёз дорад ва дар вилояти Суғд ин ҳолат дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад. Дар ҳамкории бахши хусусӣ бо сармояи худ, бахши давлатӣ бо пешниҳоди қитъаи замин ройгон, озод кардан аз пардохти воридоти техника, технология, имтиёзҳои андозӣ, маъмурӣ ширкат меварзад. Сабабҳои рушд наёфтани ШДХ дар соҳаи саноати минтақа муайян карда шудааст: а) норасоии кадрҳои баландихтисос оид ба коркард ва пешниҳоди лоиҳаҳои ҷолиби инвеститсионӣ; б) нобоварӣ ба бахши хусусӣ ё ин ки ба бахши давлатӣ; в) мавҷудияти элементҳои коррупсионӣ;

- ***ошкор гардидани*** ҳолати раванди амалигардонии шарикии давлатию хусусӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сатҳи рушди он баланд нест ва таҳти таъсири як қатор омилҳои макро-, микро- ва

мезоиқтисодӣ қарор дорад. Омилҳои пояи институтсионалӣ (ташаккули пойгоҳи меъёри ҳуқуқӣ, омодагии мақомоти ҳокимияти минтақавӣ ба амалигардонии вазифаҳои дахлдори идоракунӣ); омилҳои захираҳои кадрӣ (мавҷудияти таҷрибаи амалигардонии лоиҳаҳои давлатию хусусӣ дар минтақаҳо); омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ (ҷаззобияти минтақа барои сармоягузорон, андозбандӣ, дастрасии қарз, пардохтпазирии аҳолӣ ва ғайра);

- ***омӯхта шудани*** таҷрибаи мамолики хориҷаи дур (Бритониёи Кабир ва Олмон) ва хориҷаи наздик (Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон) дар самти истифодаи самараноки ШДХ. Тибқи он муайян гардидааст, ки дар шароити муосири рушди кишвар таҷрибаи давлатҳои Русия, Ӯзбекистон ҷолиби диққат ва қабул аст, ки ташкили ШДХ-ро дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ бештар рушд додааст, мувофиқи мақсад мебошад;

- ***аз нав такмил додани*** алгоритми ҳамкории мутақобилаи субъектҳои шарикии давлатию хусусӣ дар минтақа, ки дар асоси он коркарди маҷмуи тадбирҳо оид ба такмили сиёсати иқтисодии минтақавӣ, ки ба беҳтар намудани ҳамкории бахши давлатӣ ва бизнес-сохторҳо равона мегардад. Алалхусус, мувофиқсозии ибтидоии манфиатҳои тарафҳо ва муайян кардани мақсадҳои афзалиятноки стратегӣ, коркарди барномаи сармоягузории шарикии давлатию хусусӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вуҷуд овардани маркази рушди лоиҳаҳои шарикии давлатии хусусӣ барои таъсиси пойгоҳи коршиносию таҳлилии додаҳои лоиҳаҳои амалишаванда;

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***ҷорӣ карда шуданд:*** натиҷаҳои асосии илмӣ-амалии диссертатсия дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд, аз ҷумла дар фаъолияти Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои вилояти Суғд мавриди истифода қарор гирифтаанд. Инчунин натиҷаҳои асосии илмӣ метавонад аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми амалигардонии лоиҳаҳои калонмиқёс дар асоси ШДХ дар сатҳи минтақа дар коркарди барномаҳои дахлдори давлатӣ истифода бурда шаванд.

- ***муайян карда шудаанд,*** ки инкишофи ШДХ дар минтақаҳо чун манбаи баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ баромад мекунад. Дар ин асос самти ҳавасмандгардонии ташаккули ШДХ пешниҳод карда шудааст. Аз ҷумла, беҳтар намудани муҳити институтсионалӣ; ташаккули институти кластерҳои соҳавӣ дар асоси шарикии бизнес ва сохторҳои ҳукуматӣ; такмили асосҳои ҳуқуқӣ;

- ***офарида шудааст:*** амсилаи иқтисодию – математикии бисёромила оид ба арзёбии сатҳи таъсири нишондиҳандаҳои омилӣ ба нишондиҳандаи рушди ШДХ, яъне афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ дар самти ШДХ. Муайян гардидааст, ки рушди шарикии давлатӣ ва хусусӣ дар иқтисодиёти муосири

вилояти Суғд ҳоло бештар аз тағйирёбии чунин нишондиҳандаҳои омилӣ, яъне тамоюли шумораи корхонаҳои муштарак ва аз ҳаҷми корҳои сохтмону васлкунӣ пайвастагии зиёд дорад;

- ***муаррифӣ карда шуданд, ки*** дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ШДХ дар он соҳаҳое, ки барои қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятии аҳолӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ (хусусан обтаъминкунӣ), инфрасохтори наклиётӣ, тиббӣ, таълимӣ, сохтмони манзил, соҳаи варзишӣ бештар рушд ёфтааст. Пешниҳод гардидааст, ки шарикии давлатию хусусӣ минбаъд дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ бояд рушд ёбад ва ба лоиҳаҳои инноватсионӣ аҳамият дода шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назария*** дар асоси муқаррароти назариявӣ, бо интихоби усулҳои мақбули таҳқиқот, боэътимодии маълумотҳо, миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи мавзуъ, ки муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллифро дар диссертатсия исбот мекунанд, тасдиқ мешавад. Самтҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои асоснок оварда шудаанд, ки таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию таҷрибавиро инъикос мекунанд;

- ***ғояи*** тадқиқот дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар баромад ва Паёмҳо, барномаҳои давлатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ***асоснок шудааст;***

- усулҳои таҳлили қиёсӣ, вазъиятӣ, мантиқӣ, низомбандӣ ва диалектикӣ, ҳамчунин методҳои иқтисодию математикӣ ва омории тадқиқот, аз он ҷумла методҳои ифодаёбии графикӣ ва ҷадвалии маводҳои аслӣ васеъ ***истифода шудаанд***;

- ***муайян шудааст:*** муқарраротҳои асосии илмӣ, тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ коркардшуда оид ба механизми ташкилию иқтисодии инкишофи шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи рушди ШДХ дар шаҳру ноҳияҳои он, ба бештари назарияи ШДХ, назарияи иқтисодиёти минтақа, ҳисоботи таҳлилии вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарчашмаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки доир ба мавзуи таҳқиқот бар меояд, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- иштироки бевоситаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳияи нақшаи диссертатсия, иҷроиши он, коркард ва татбиқи баъзе аз нуктаҳои асосии диссертатсия дар фаъолияти Раёсати рушди иқтисод ва савдои вилояти Суғд (маълумотнома дар бораи татбиқ аз 29.06.2022, № 82/1) ва ҳангоми ҷараёни таълим дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии

тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд (маълумотнома оид ба татбиқ аз 21.06.2022, № 522);

- инкишофи муқаррароти илмии ШДХ дар иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва ҳолати муосири он, фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ҷиҳати ноил шудан ба таъмини шароити мусоид, таҳияи тавсияҳои илман асоснок оид ба такмили идоракунии рушди иқтисодиёти минтақа;

- аз рӯи мавзуи кори диссертатсионӣ интишори 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба тавсиб расонидани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, донишгоҳӣ ва семинарҳои илмӣ-назариявӣ.

Дар маҷлис аз 29 апрели соли 2023 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовнаро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар доктороии илм ва 1 нафар номзади илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 9 нафар, муқобил нест , бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013, д.и.и, профессор** **Шарифзода Мумин Машокир**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Самадова Заррина Акрамҷоновна**

29 апрели соли 2023